«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии
Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих,
профессор
__________________ Убайдулло К. Н.
«___» ______________ 2019

# ХУЛОСАИ

## Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рисолаи Сафаров Н. Ш. «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) дар Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда, дар Шӯрои илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи им. А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 1 аз 28 январи соли 2014) тасдиқ гардидааст.

Дар раванди иншои рисола унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич ба ҳайси муҳаррири Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик фаъолият намуда, ҳамзамон аз 1 ноябри соли 2013 дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибона таҳсил кардааст.

27 майи соли 2019 аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи №564 дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шуд, ки чунин аст: 17 ноябри соли 2014 аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) баҳои «хуб» (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23-132 аз 17.11.2014 тасдиқ шудааст), 19 ноябри соли 2014 аз фанни таърих ва фалсафаи илм баҳои «хуб» (суратчаласа дар асоси фармоиши Раёсати АИ ҶТ №159 аз 17.11.2014) ва 21 майи соли 2019 аз фанни таърихи халқи тоҷик баҳои «аъло» (суратҷаласа дар

асоси фармоиши директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ №5 аз 20.05.2019 тасдиқ шудааст).

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих Амиршоев Нурмуҳаммад Қурбонович.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба дифоъ пешниҳод шудааст. Дар муҳокима докторҳои улуми таърих, профессорҳо Пирумшоев Ҳ., Саидов А., Ҳ.Камол, доктори илмҳои таърих Хоҷаева Н. Ҷ., номзади илмҳои таърих Ғуломшоев С., номзади илмҳои таърих Ҳоҷиев А. ва номзади илмҳои таърих Азимова Б. иштирок карданд.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокима чунин **хулоса** карда шуд:

Бо вуҷуди он, ки донишмандони зиёде ба пажӯҳиши мавзӯъҳои гуногун аз қабили сиёсату иқтисод, илму фарҳанг, адабиёту фалсафа, мусиқӣ, меъморӣ, лашкардорӣ ва соҳаҳои дигари марбут ба давлати Сомониён пардохтанд, дар ин миён ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ба таври хулоса ва ё дар ҳошияи пажӯҳишҳо баён шуда, дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Метавон гуфт, то кунун ҳудуди таърихии ҷуғрофиёии давраҳои алоҳидаи он мушаххас нашуда, ҳатто замони ба Сомониён тобеъ шудани манотиқи кунунии Тоҷикистон дақиқ маълум карда нашудааст. Дар осори илмӣ ва таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳоло ҳам харитаҳое истифода мешаванд, ки ҳудуди давлати Сомониён дар онҳо ба таври комил тасвир нашудааст. Масалан, яке вилоятҳои таърихии тоҷикнишин – Ғур берун аз ҳудуди ин давлат монда, баъзе аз вилоятҳои Эрони ғарбӣ ва марказӣ, ки қариб ним аср тобеи Сомониён буданд, ба харитаи ин давлат ворид нашудаанд.

Пажӯҳиши масъалаи мазкур аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки бо муқоисаи маълумоти сарчашмаҳо ва маводи ҳафриёти бостоншиносии замони муосир марзҳои комили дохиливу хориҷӣ ва дар умум ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои мо равшан хоҳад шуд. Иловатан, бад-ин восита ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши ҷуғрофиёии забони тоҷикии дарӣ дар Хуросони Бузург ва берун аз он мушаххас мешавад.

Омӯзиши ҷуғрофиёи таърихии вилоятҳои ҷудогонаи давлати Сомониён ва мулкҳои тобеи он барои муҳаққиқони таърихи ин давра имкон медиҳад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии қаламрави бузурги Сомониёнро дақиқтар муайян созанд.

Коркарди илмии ин масъала бо такя ба сарчашмаҳо ва маводи илмии мавҷуда моҳият ва натиҷаҳои таъсири шароити ҷуғрофиро ба раванди сиёсию иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросони аҳди Сомониён равшантар мекунад. Пажӯҳиш ва таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён имкон медиҳад, ки хусусиёти муҳити ҷуғрофӣ-таърихии минтақа дар ин давра ба таври дақиқ муайян карда шавад. Бино бар ин, авомили дар боло зикршуда метавонанд далели қотеи муҳим будани мавзӯи мавриди омӯзиш шуморида шаванд.

Кори арзишманде, ки унвонҷӯ анҷом додааст, ин таҳлилҳои муқоисавии маълумоти чандин сарчашмаҳои таърихӣ, осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ва маводи бостоншиносӣ мебошад. Маълумоти баъзе сарчашмаҳои таърихӣ бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ ба фазои илмӣ ворид карда шудаанд, ки ин иқдом шоистаи таҳсин аст.

Дуруст ва асоснок будани масъалаҳои асосии рисола дар он аст, ки унвонҷӯ маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, осори ҷуғрофӣ ва маводи бостоншиносиро аз назари танқидӣ бо ҳам қиёс намуда, марзҳои умумӣ ва дохилии давлати Сомониёнро дақиқан тасвир намудааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ муҳимтарин масъала – замони густариш ва коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониёнро муайян кардааст.

Муаллифи рисола саҳми олимони тоҷику эронӣ, русу шӯравӣ ва олимони ғарбиро дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мавзӯи рисола зикр намуда, осори илмии ононро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар раванди таҳқиқ унвонҷӯ кӯшидааст масъалаҳои мавриди назарро дар асоси сарчашмаҳои таърихии мавҷуда ва осори илмӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти сарчашмаҳои марбут ба ҳамин давр бо усули интиқодии муқоисаи таърихӣ дар рисолаи мазкур афзалият доранд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маводи сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асрҳои миёна ва маводи бостоншиносӣ ба таври фарогир таҳқиқ гардида, ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми даврaҳои мавҷудияти он муайян гардидааст. Дар

баробари ин, робитаи ҷуғрофиёи таърихӣ бо равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии дар давлати Сомониён ҷараёндошта муайян шуда, дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва маводи сиккашиносӣ роҷеъ ба шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён маълумоти муҳим оварда шудааст. Инчунин, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, мушаххас шуда, марзҳои ҳар қадом вилоятҳои тобеи давлати Сомониён ва дар умум тамоми ҳудуди ин давлат дар давраҳои мухталиф дар харитаҳое, ки худи унвонҷӯ таҳия кардааст, хеле дақиқ тасвир ёфтаанд.

Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқотро сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ташкил додаанд.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии асрҳои IX-XI-и Мовароуннаҳр Хуросон ва Эрон, инчунин барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнагии ин сарзаминҳо рисолаи мазкур метавонад мавриди истифода қарор ғирад. Инчунин, рисола барои навиштани ҷанбаҳои гуногуни таърихи ин сарзамин, курсҳои махсус ва китобҳое, ки ба ин ҳудуд ва ин давраи таърих иртибот доранд, ҳамчун маводи иловагӣ ва ёридиҳанда метавонад хидмат кунад.

Дар хулосаи рисола унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқи худро ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа рухдода, ки дар сарнавишти ояндаи ин давлат нақши муҳим доштанд, хеле зарур мебошад.

Дар тамоми давраи ҳокимияти Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳудуди ҷуғрофиёии ҳокимият ва давлати онҳоро метавон ба се марҳала ҷудо кард: 1) давраи ба вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҳоким таъйин шудани намояндагони хонадони Сомонӣ, яъне солҳои 819–892; 2) замони таъсиси давлати Сомониён ва густариши ҷуғрофиёии он: 892–943; 3) замони нобасомониҳо, коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён ва аз дасти хонадони Сомонӣ берун рафтани Мовароуннаҳру Хуросон: солҳои 60-уми асри X – 1005.

Дар давраи аввал Сомониён асосан Мовароуннаҳр ва вилояти Ҳироти Хуросонро дар ихтиёр доштанд. Дар давраи дувум ин давлат Мовароуннаҳру Хуросон ва қисматҳои маркази Эронро то ба ғарби он – Ҳамадон фаро

гирифта, дар шимол то марзҳои ҷанубии қабоили турк пеш рафт. Дар давраи сеюм қисмате аз Хуросон ба шумули шаҳри Ғазна ба ихтиёри Алптегин гузашта, баъдан вилоятҳои соҳили ҷануби баҳри Хазар ва пас аз он Хуросон билохира Мовароуннаҳру аз зери ҳокимияти Сомониён берун рафтанд. Ҳудуди давлати Сомониён асосан дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад густариш ёфта, дар ғарб то марзҳои Ҳамадон, дар ҷануб то Сиистону Синд ва дар шимолу шарқ то Хоразму сарҳадоти шимолии Фарғонаро фаро мегирифт. Мавҷудияти давлати Сомониён дар чунин ҳудуди васеъ ва сиёсати фарҳангии онҳо боиси ташаккули комили халқи тоҷик ва иттиҳоди сиёсию фарҳангии он гардид. Шаҳри Самарқанд ҳамчун маркази аслӣ ва нахустпойтахти Сомониён аз ҷойгоҳи махсус бархӯрдор буд. Аммо аз замони ҳукумати амир Исмоили Сомонӣ (892) ин мақомро Бухоро соҳиб гардида, пас аз суқути Сомониён ҳам ин ҷойгоҳи худро ҳифз намуд. Шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён аз лиҳози рушди иқтисодӣ дар зинаҳои баробар қарор надоштанд. Бештар аз ҳама Бухоро, Балх, Марв, Ҳирот, Рай, Самарқанд ва Нишопур обод ва аз лиҳози иқтисодӣ рушдкарда буда, имконоту сатҳи зиндагии мардуми ин ҷойҳо хубтар аз дигар манотиқи кишвар буд. Дар аксари сарзаминҳои дур аз марказ Сомониён ашрофи маҳаллии соҳибмақомро ба ҳайси волӣ таъйин карда, аз онҳо хироҷ мегирифтанд ва бад-ин восита тобеияти сарзаминҳоро ба худ нигоҳ медоштанд. Сомониён аз замони Исмоил ибни Аҳмад (892–907) ҳифзи марзҳои шимолӣ ва шарқии мусулмононро бар дӯш дошта, асосан бо туркон даргир буданд. Муддате бар сари баъзе аз вилоятҳои марказӣ ва ғарбии Эрон низ Сомониён бо оли Бӯя ихтилоф доштанд, ки бо сулҳ анҷомида буд. Дар тамоми давраи мавҷудияти давлати Сомониён таҳдид ба марзҳои он асосан аз самти шимол аз ҷониби қабоили бодиянишини турк сурат мегирифт ва охирин ҳам, ки сабаби таназзули давлат гардид, аз ҳамин самт сурат гирифт.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шуда, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст.

Мазмуни асосии рисола дар чаҳор мақолаи муаллиф, дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ва КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ вориданд, баён шудааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи пешниҳодкардаи Сафаров Некрӯз Шодиевич таҳқиқоти илмии арзишманд буда, унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар рисола гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 июни соли 2019 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 7 нафар ҳузур доштанд.
Натиҷаҳои овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» – 7 нафар
«муқобил» – нест;
«бетараф» – нест.
Суратҷаласаи № 5 аз 4 июни соли 2019.

**Мудири шуъбаи таърихи**
**қадим, асрҳои миёна ва нав,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳамза Камол**

Имзои д.и.т., профессор Ҳ. Камолро тасдиқ мекунам

**Сардори ШК**